**Протоколи №1**
ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-О56-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
аз «14» декабри соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2022, №171/шд тасдиқгардида, 9 нафар, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравbooнд. Пешниход шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Рӯзнома:**

1. Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Каримов Сорбон Каримович дар мавзуи **«Сохтор ва хусусиятҳои физикию механикии пардаҳои полимерии бо кристалли моеъ диспергиронидашуда»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз руйи ихтисоси 01.04.07-Физикаи ҳолатҳои конденсӣ барои ташхис дар комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ ва таъин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Комилов Қ. дар бораи ворид гардидани аризаи унвонҷӯ ба номи ректори ДМТ ва раиси Шӯро, инчунин ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Каримов Сорбон Каримович ба Шӯрои диссертатсионӣ. Раиси Шӯрои диссертатсионӣ ба аъзои Шӯро иттилоот дод, ки ба ректори ДМТ аз номи директори Маркази илмии Хуҷанд АМИТ мактуби расмӣ ворид гардидааст.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ н.и.ф.-м., дотсент Исломов З.З. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Каримов С.К. -автореферат (бо забонхои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи низомномаи Намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти раками №267 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро ба Шӯро пешниҳод намудааст. Бинобар ин бароӣ қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхис дар комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Каримов Сорбон Каримович дар мавзӯи **«Сохтор ва хусусиятҳои физикию механикии пардаҳои полимерии бо кристалли моеъ диспергиронидашуда»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 01.04.07-Физикаи ҳолатҳои

конденсӣ барои ташхис дар комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

Абдуллоев Ҳасан Муминҷонович- доктори илмҳои физикаю математика, профессор, аъзои Шуро, раиси комиссияи ташхисӣ.

Ақдодов Донаёр Мавлобахшович - доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, аъзои Шуро, аъзои комиссияи ташхисӣ.

Мирзоев Бодур- доктори илмҳои техникӣ, дотсент, аъзои Шуро, аъзои комиссияи ташхисӣ.

**Қарор кабул карда шуд:** тарафдор - 9 нафар, зид, бетараф - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои физикаю математика,
профессор — Комилов Қ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои физикаю математика,
дотсент — Исломов З.З.

Имзои д.и.ф.-м., профессор Қ. Комилов ва н.и.ф.-м., дотсент З.З. Исломовро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корхои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш